**“ТАСДИҚ КАРДА ШУД”**
Бо Қарори Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 18-19 сентябри 2015 сол

# НИЗОМНОМА
# Дар бораи Комиссияи тафтишотии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Низомномаи мазкур, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1.Комиссияи тафтишотии Иттифоқи адвокатҳо барои амалӣ сохтани назорати фаъолияти молиявию хоҷагии Иттифоқи адвокатҳо ва мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо аз ҳисоби аъзои Иттифоқи адвокатҳо интихоб карда мешавад (минбаъд – Комиссияи тафтишотӣ).
1.2.Ҳангоми амалӣ намудани ӯҳдадориҳои худ Комиссияи тафтишотӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», Оинномаи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.
1.3.Оид ба натиҷаҳои кори худ, Комиссияи тафтишотии Иттифоқи адвокатҳо дар назди Анҷумани адвокатҳо ҳисоботдиҳанда мебошад.
1.4.Аъзои Комиссияи тафтишотии Иттифоқи адвокатҳо метавонанд фаъолияти хизматии худро бо фаъолияти адвокатӣ якҷоя намоянд. Онҳо ҳуқуқ надоранд дар Иттифоқи адвокатҳо дигар вазифаи интихобиро ишғол намоянд.
1.5.Тартиб ва андозаи пардохти мукофотпулӣ ба аъзоёни Комиссияи тафтишотӣ барои иштирок дар рӯзҳои кории он, аз тарафи Анҷумани адвокатҳо муқаррар карда мешавад.

## 2. Ҳайати Комиссияи тафтишотӣ ва тартиби интихоб намудани онҳо

2.1.Комиссияи тафтишотӣ аз тарафи Анҷумани адвокатҳо дар ҳайати панҷ нафар аз ҳисоби аъзои Иттифоқи адвокатҳо ба мӯҳлати ду сол интихоб карда мешавад.
2.2.Ба аъзогии Комиссияи тафтишотӣ метавонанд адвокатҳое интихоб шаванд, ки вакилони Анҷумани якуми адвокатҳо ба ҳисоб намераванд. Аъзои Комиссияи тафтишотӣ метавонанд адвокатҳое бошанд, ки

собиқаи фаъолияти адвокатии на камтар аз панҷ сола доранд.
2.3. Интихоботи Комиссияи тафтишотӣ бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ ва ё ошкоро гузаронида мешавад. Ба ҳайати Комиссияи тафтишотӣ адвокатҳое интихобгардида ҳисобида мешаванд, ки овозҳои бештари интихобкунандагони дар овоздиҳи иштирок доштаро соҳиб шуда бошанд. Раиси Комиссияи тафтишотӣ бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ ва ё ошкоро ба муҳлати ду сол интихоб карда мешавад.

## 3. Салоҳияти Комиссияи тафтишотӣ

3.1. Ба салоҳияти Комиссияи тафтишотӣ дохил мешаванд:
– назорат ба фаъолияти молиявию хоҷагии Иттифоқи адвокатҳо ва мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо;
– назорат оид ба хароҷоти мақсадноки маблағҳои пулии Иттифоқи адвокатҳо ва мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар асоси сметаи хароҷотии тасдиқгардида;
– санҷиши тавозуни солона, назорат оид ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷотӣ Иттифоқи адвокатҳо;
– бо супориши Раёсати Иттифоқи адвокатҳо санҷиши шикоятҳо оид ба вайрон кардани фаъолияти молиявию хоҷагӣ.
3.2.Ҳангоми гузаронидани санҷиш, Комиссияи тафтишотӣ бо тасдиқи Раёсат ҳуқуқ дорад мутахассисонро аз ҳисоби маблағҳои Иттифоқи адвокатҳо ва ҳамчунин аз дигар сарчашмаҳо ҷалб намояд.
3.3.Маҷлисҳои Комиссияи тафтишотӣ аз рӯи нақшаи корӣ, вале на камтар аз як маротиба дар се моҳ даъват карда мешаванд.
3.4.Маҷлисҳои Комиссияи тафтишотӣ дар мавриди иштироки аз се ду ҳиссаи аъзоёни он салоҳиятнок ҳисобида мешавад. Қарори Комиссияи тафтишотӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзоён, ки дар маҷлиси он иштирок менамоянд, қабул карда шуда ва бо протокол ба расмият дароварда мешаванд, ки матни аслии онҳо дар парвандаҳои Комиссияи тафтишотӣ нигоҳ дошта мешаванд. Аъзои Комиссияи тафтишотие, ки бо қарори он розӣ намебошад, ҳуқуқ дорад ба протокол фикри махсуси худро ворид намояд.

## 4. Салоҳияти раиси Комиссияи тафтишотӣ

Раиси Комиссияи тафтишотӣ дорои салоҳиятҳои зерин мебошад:
– мукотибаро оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Комиссияи тафтишотӣ дохил мешаванд, амалӣ месозад;
– гузаронидани санҷиш ва тафтишҳоро дар асоси предмети фаъолияти Комиссияи тафтишотӣ ташкил менамояд;
– ба аъзоёни Комиссияи тафтишотӣ гузаронидани санҷишҳои

фаъолияти молиявию хоҷагии Иттифоқи адвокатҳо ва мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро супориш медиҳад;

– санҷиши шикоятҳо оид ба вайрон кардани фаъолияти молиявию хоҷагиро ташкил менамояд;

– санҷиши мурочиат ва дигар маълумотҳоро вобаста ба масъалаҳои фаъолияти молиявию хоҷагиро ташкил намуда, ба Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодот ворид мекунад;

– кори Комиссияи тафтишотиро ташкил ва ба нақша гирифта, масъалаҳоро барои баррасӣ дар маҷлисҳои комиссия тайёр менамояд;

– аз рӯи зарурат маҷлиси Комиссияи тафтишотиро даъват намуда, рӯзномаи маҷлисро тартиб дода, оид ба вақт ва ҷои баргузории маҷлис ба аъзоёни Комиссияи тафтишотӣ хабар медиҳад;

– дар маҷлисҳои комиссия раисӣ менамояд;

– оид бо натиҷаи санҷиш Комиссияи тафтишотӣ санади санҷиши тартиб медиҳад, ки он ба Раёсати Иттифоқи адвокатҳо барои қабули қарор ирсол карда мешавад;

– дар бораи натиҷаҳои кори Комиссияи тафтишотӣ дар назди Анҷумани адвокатҳо ҳисобот медиҳад.

## 5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзоёни Комиссияи тафтишотӣ

5.1. Аъзоёни Комиссияи тафтишотӣ ҳуқуқ доранд:

– бо ҳамма маводҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки барои кори комиссия заруранд шинос шаванд;

– шикоятҳоро оид ба вайрон кардани фаъолияти молиявию хоҷагӣ санҷад;

– дар тартиб додани санад оид ба натиҷаҳои санҷиш иштирок намояд;

5.2. Аъзоёни Комиссияи тафтишотӣ уҳдадоранд:

– дар кори Комиссияи тафтишотӣ иштирок намояд;

– супоришҳои Раёсат ва Раиси Комиссияи тафтишотиро иҷро намояд;

– ба шахсони бегона ва ташкилотҳо ҳамагуна маълумот ва хабарҳоро, ки дар натиҷаи фаъолияти Комиссияи тафтишотӣ ба даст омадаанд ифшо накунад;

## 6. Қатъ гардидани салоҳияти Комиссияи тафтишотӣ

6.1. Салоҳияти аъзои Комиссияи тафтишотӣ дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

– бо аризаи шахсии худ;

– бо гузаштани муҳлате, ки Комиссияи тафтишотӣ интихоб

гардидааст;

– бинобар сабаби фавтидан;

– бинобар ғайриимкон гардидани иҷрои уҳдадориҳо аз ҷониби аъзои Комиссияи тафтишотӣ дар муҳлати зиёда аз чор моҳ;

– бинобар сабаби қатъ гардидани мақоми адвокатӣ.

6.2.Раис ва аъзоёни Комиссияи тафтишотӣ, ки ӯҳдадориҳои худро ба таври дахлдор иҷро намекунанд, метавонад бо ташаббус ва талаби яке аз мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо, аз се ду ҳиссаи вакилони Анҷумани адвокатҳо ва инчунин бо пешниҳоди Раёсати Иттифоқи адвокатҳо бозхонд карда шаванд.

6.3.Раис ва аъзоёни Комиссияи тафтишотӣ бозхондшуда ба ҳисоб мераванд, агар ба бозхонд намудани онҳо бештари вакилони Анҷумани адвокатҳо, ки дар кори Анҷумани адвокатҳо иштирок намудаанд овоз дода бошанд.

## 7. Мавриди амал қарор додани низомномаи мазкур

Низомномаи мазкур ва ҳамчунин тағйиру иловаҳо ба он, аз лаҳзаи тасдиқ намудани он аз ҷониби Анҷумани адвокатҳо мавриди амал қарор дода мешаванд.